**Тақриз**

**ба автореферати Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)». -Душанбе, 2022.**

Баробари таъсиси давлати шуравӣ, сохтмони саноатӣ ва роҳсозӣ, дигаргунсозии соҳаи кишоварзӣ, сохтмони иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳо дар Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ин андешидани чораҳои қатъии бузургро талаб мекард. Дар мадди аввал татбиқи коллективонии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ва ташкили низоми колхозӣ меистод. Баҳри тадбиқи ин амал Қарори пленуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумироссиягӣ (болшевикӣ) аз моҳи ноябри соли 1929 оиди фиристонидани биступанҷҳазориён - коргарони дорои таҷрибаи кофии ташкилотчигӣ ва сиёсӣ ба деҳот барои кор дар колхозҳо саривақтӣ буд.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст васеъ инъикос ёфтаанд. Дар ҷумҳурии мо ин ихтиёриён кори самаранокро барои расонидани кӯмаки бародарона ба тоҷикон дар шароити душвортарини давраи гузариш оғоз карданд.

Дар самти фаъолияти биступанҷҳазориён мушкилот дида мешуд, аз ин лиҳоз, бархе аз фиристодаҳо тоқат карда натавонистанд ва Тоҷикистонро тарк карданд. Аммо дигарон ҷои онҳоро гирифтанд. Қисми асосии биступанҷҳазориён фидокорона кор карданд.

Фаъолияти биступанҷҳазориён дар бунёди колхозу совхозҳо, иттиҳодияҳои гурӯҳӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ дар деҳот ва ҷалби оммаи деҳқонон ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ зоҳир мегардид.

Масъалаи фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст мавзуи мубрам буда, мутаассифона мавзуъ то имрӯз аз тарафи таърихшиносон ба таври лозима омӯхта нашудааст.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводҳои бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ рисолаи диссертатсионӣ анҷом дода шудааст.

Мақсади таҳқиқот нишон додани ҷараёни ба ҷумҳурии мо омадани "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст, саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

Объекти таҳқиқот фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар ҷараёни сохтмони иншоотҳои саноативу маишӣ, сохтмони колхозӣ, обёрикунонии маҳалҳои кишвар мебошад.

Дар пешгуфтори рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқотшаванда нишон дода шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, заминаҳои методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ муайян гардидаанд.

Дар ҳама қисматҳои рисолаи илмӣ навоварӣ ва эҷодкорӣ дида мешавад. Муаллифи рисола ҳар як зербоби корро анҷом дода, хулосаҳои хешро оиди ин масъалаҳо нишон додааст, ки ин корро комилтар гардонидааст.

Бояд гуфт, ки рисолаи илмии Мирзоев Ғ.Ш. аз нигоҳи методҳои илмӣ ва имлоӣ ба ҳама талаботҳо ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи рисола кори илмии худро ба қимсатҳои зайл ҷудо намудааст: ду боб ва панҷ зербоб. Дар зербобҳо муаллиф роҷеъ ба омадани биступанҷҳазориён ба ҷумҳурӣ, саҳми онҳо дар таъсис ва ташаккули низоми колхозӣ, рушди саноати Тоҷикистон, ширкати биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар азхудкунии водии Вахш ва сохтмони дигар иншоотҳои обёрикунандаи Тоҷикистонро ҷойгир кардааст.

Умуман, унвонҷӯ фаъолияти биступанҷҳазориён ва гурӯҳҳои сарпарастро дар Тоҷикистон мусбӣ баҳо додааст. Маълумотҳои дар рисолаи илмӣ овардашуда барои равшан намудани бисёр аз масъалаҳои норавшани таърихи солҳои 30-юми асри XX-и ҷумҳурӣ муфид буда, дар

оянда дар омӯзиши ин давраи таърихӣ метавон маводи нодир бошад. Рисола аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки маълумотҳои дар он овардашуда дар асоси маводҳои бойгонӣ ва ёддоштҳои иштирокчиён таҳия гардидааст.

Рисолаи илмии муаллиф Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –таърихи ватанӣ, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Мирзоев Ғ.Ш., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Муқарриз,
дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва
архившиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Шарофуддинов С. С.

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
С.С. Шарофуддиновро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Тел.: (+992-37) 221-62-25, (+992-37) 227-15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

17.01.2023